# Эстер



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ОЧА, ИЛТИМОС! ПАДАРАМ ҲАМ АЛЛАКАЙ НЕСТ!
МАРО ТАНҲО НАГУЗОР...
ҲАДАССА, СИТОРАЧАИ ХУРДАКАКИ МАН, ТУ ТАНҲО НАМЕМОНӢ...
АЛБАТТА, ХОЛАИ АЗИЗАМ … АЛБАТТА, МАН ДАР ҲАҚҚИ Ӯ ҒАМХОРӢ МЕКУНАМ.
ЧУН ДАР ҲАҚҚИ ДУХТАРИ ХУДАМ!
ЭСТЕР, БА АМАКБАЧААТ ГӮШ ДЕҲ.
ПАДАРИ Ӯ ВА ПАДАРИ ТУ, АМИНОДОБ, НА ТАНҲО БАРОДАРОНИ ҲАМХУН, БАЛКИ БАРОДАРОН ДАР ИМОН БУДАНД.
ҲАТТО ДАР ИН ҶО ДАР ФОРС, ДУР АЗ ВАТАН, МО БОЯД РИОЯИ АНЪАНАҲОИ ХУДРО ДАВОМ ДИҲЕМ...
ПАДАРАТ ВА МАН … ФАҚАТ МЕХОСТЕМ ТУРО ҲИМОЯ КУНЕМ … МОРДЕХАЙ ДАР ҲАҚҚИ ТУ ҒАМХОРӢ МЕКУНАД … БА ТУ ЁД МЕДИҲАД …
ОЧА… ХОҲИШ МЕКУНАМ, МАРО ТАРК НАКУН!
ХОҲИШ МЕКУНАМ!
ОЧА!
ОЧА! ! !
НЕ! МАРО ТАРК НАКУН!!!
ХОҲИШ МЕКУНАМ, МАРО ТАНҲО НАГУЗОР!!!
МАН ДИГАР ҲЕҶ КАС НАДОРАМ!
МАН ТАМОМАН ТАНҲОЯМ
НЕ, ҲАДАССА!
НЕ! ТУ ТАНҲО НЕСТӢ!
ТУ ҲЕҶ ГОҲ ТАНҲО НАМЕМОНӢ… ҲЕҶ ГОҲ …

ЭСТЕР 2:5-7


ҲАДАССА! ҲАДАССА!
ЕРУША! САЛОМ!!
ХАБАРҲОИ НАВРО ШУНИДӢ?
МЕИРА НОМЗАД ШУДААСТ!
НАХОД! БА КӢ?
ЧӢ ФАРҚ ДОРАД? Ӯ БАРИН ДУХТАР БА ҲАР КАСЕ НОМЗАД ШАВАД, БАХТАШ ОМАД КАРДААСТ!
ДАР ОМАДИ ГАП, ДАР БОРАИ АРӮСҲО – ТУ ШУНИДӢ, КИ ПОДШОҲ ЧӢ НАҚША ДОРАД?
АЛБАТТА, ҲАМА ДАР ИН БОРА МЕДОНАНД.
МАН ХОҲИШЕ НАДОРАМ, КИ АРӮСИ ПОДШОҲ ШАВАМ, ЧУН МЕДОНАМ, КИ Ӯ БО ЗАНИ ПЕШТАРААШ ЧӢ КАРД!


МАН ТО ҲОЛ НАМЕФАҲМАМ, КИ БО МАЛИКА ВАШТӢ ЧӢ РӮЙ ДОДААСТ.
ОЁ ОН ИДИ КАЛОНИ ЯК-ДУ СОЛ ПЕШ БАРГУЗОР ШУДАРО, КИ ОНРО ҲАР ЯК СОКИНИ ШУШАН БОЯД ҶАШН МЕГИРИФТ, ДАР ЁД ДОРӢ?
ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ БАР ЗИДДИ ЮНОН ҶАНГҲО МЕБУРД, ВА ДАР ОХИР ДАР ОН ҶАНГҲО ШИКАСТ ХӮРД, ЗЕРО ТАМОМИ ЛАШКАР, ТАМОМИ АШРОФОН ВА БИСЁР ДИГАРОНРО БА ОН ИД ҶАМЪ КАРД.
МАЛИКА ВАШТӢ НИЗ БАРОИ ЗАНОН ДАР ҚАСРИ ПОДШОҲ ЗИЁФАТ ОРОСТ, АММО ПОДШОҲ БА Ӯ ФАРМУД, КИ НАЗДИ ВАЙ БИЁЯД.
МАН ШУНИДАМ, КИ МАЛИКА АЗ ОН САБАБ НАРАФТ, КИ ПОДШОҲ БА Ӯ ФАРМУД, КИ БА НАЗДИ МЕҲМОНОН ҲОЗИР ШАВАД, ҲАР ҲОЛЕ КИ ТАНҲО ТОҶ БАР САР ДОШТА БОШАДУ ХАЛОС!
БА ФИКРАМ, ЧИЗЕРО МОНАНДИ ИН ШУНИДААМ. ХОҲ Ӯ ПОДШОҲ БОШАД Ё НЕ, МАН ТАСАВВУР КАРДА НАМЕТАВОНАМ, КИ Ӯ БА МАЛИКА ЧУНИН БЕЭҲТИРОМӢ ЗОҲИР КАРДААСТ.
МАН ШУНИДААМ, КИ МАЛИКА ХЕЛЕ ЗЕБО БУД...
ХАЙР, АГАР ТАФСИЛОТРО ЯК ТАРАФ ГУЗОРЕМ, ПОДШОҲ МЕХОСТ ЗЕБОИИ ӮРО НАМОИШ ДИҲАД. МАЛИКА РАД КАРД ВА ПОДШОҲ ӮРО АЗ ХУД ДУР КАРД.
МАГАР Ӯ ФАРМОНЕ НАБАРОВАРД, КИ ЗАНҲО БОЯД ШАВҲАРОНИ ХУДРО ЭҲТИРОМ НАМОЯНД?
ҲА! ВА АКНУН, ПАС АЗ ЧОР СОЛ, Ӯ БА ХУД ЗАНИ НАВ МЕҶӮЯД!
ЗАНИ ЗЕБО – МАН ШУНИДАМ, КИ Ӯ ЗЕБОТАРИН ДУХТАРИ КИШВАРИ ФОРСРО МЕҶӮЯД.
ХУШБАХТОНА, ИН БА МАН ДАХЛ НАДОРАД, ЗЕРО МАН АЛЛАКАЙ ОИЛАДОР ҲАСТАМ!
АЗ НОМИ МАН МЕИРАРО ТАБРИК ГӮЙ!
ВА КАЙ МО ДАР БОРАИ ТУ ЧУНИН ХАБАРҲОРО МЕШУНАВЕМ?
ЯК ХУДИ ТУ МОНДӢ, АГАРЧИ ТУ ЧУНОН ЗЕБО ҲАСТӢ, КИ МО ГУМОН ДОШТЕМ ТУ АВВАЛИН ШУДА БА ШАВҲАР МЕБАРОЙ.
АМАКБАЧААМ ХЕЛЕ БАНД АСТ ВА ҲАНӮЗ ВАҚТ ПАЙДО НАКАРДААСТ, КИ БАРОИ МАН ШАВҲАР ЁБАД!
ЭҲЕ! БЕҲТАР ОН АСТ, КИ Ӯ ИН КОРРО МАВҚУФ НАГУЗОРАД!
БА ФИКРАМ, АГАР ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ ВАҚТИ БЕШТАРЕРО БО КАШИДАНИ НАҚШАИ МУҲОРИБАҲО ГУЗАРОНДА, ДАР БАЗМҲО КАМТАР ВАҚТ САРФ МЕКАРД, ДАР ҶАНГ ҒОЛИБ МЕШУД!
ШОЯД ҲАҚ БА ҶОНИБИ ШУМОСТ.
ЯКТО АЗ ИН ДИҲЕД.
ИН БАРОИ АМАКБАЧААТ АСТ?
АЛБАТТА! Ӯ ИНРО ХЕЛЕ ДӮСТ МЕДОРАД!
КОРИ Ӯ ОМАД КАРДААСТ, КИ ШАХСИ ДАР ҲАҚҚАШ ҒАМХОРИКУНАНДА ДОРАД!
НЕ, БАРЪАКС; КОРИ МАН ОМАД КАРДААСТ, КИ Ӯ ҲАСТ – ВА Ӯ ДАР ҲАҚҚИ МАН ҒАМХОРӢ МЕКУНАД!


МОРДЕХАЙ!
ҲАДАССА!
ТУ ДАР ИН ҶО ЧӢ МЕКУНӢ?
МАН УМЕДВОР БУДАМ ТУРО ПЕШ АЗ РАФТАНАТ БИНАМ!
ЭСТЕР, "СИТОРА"-И ХУРДИ МАН
МОРДЕХАЙ, МАРО ЭСТЕР НОМ НАГИР.
ИН НОМИ ФОРСӢ АСТ ВА ЧУН НОМ ЯКЕ АЗ ХУДОЁНИ ОНҲО САДО МЕДИҲАД! НОМИ МАН ҲАДАССА АСТ!
ОХИР, НОМИ МАН НИЗ ФОРСӢ АСТ, ХУРДАКАКИ МАН.
АНА, МАСАЛАН, ДОНИЁЛ! Ӯ НАХОСТ БАЛТШАСАР НОМ ДОШТА БОШАД!
ДУРУСТ, АММО НОМ ОН ЧИРО, КИ ТУ ДАР АСЛ ҲАСТӢ, ТАҒЙИР НАМЕДИҲАД!
РОСТ МЕГӮӢ, БАРОДАР...
... АММО ГАПИ МАН ҲАМ ДУРУСТ АСТ!
ОҲ, ҲАДАССА, ПАС АЗ ЧУНИН АЗОБИ ТӮЛОНӢ ТУ ЯГОНА ХУРСАНДИИ МАН ҲАСТӢ!
АЗОБ? ЧӢ РӮЙ ДОДААСТ?
КОР ДАР ДАВОМИ ТАМОМИ РӮЗ ДАР НАЗДИ ИН АҲОҶИИ ҲАВОБАЛАНД, КИ ҲОМОН НОМ ДОРАД, АЗОБИ ҲАҚИҚӢ АСТ!
БОЛОРАВӢ, БАРДОР-БАРДОР КАРДАН, БЕҲТАР КАРДАНИ МАҚОМИ ХУД! Ӯ ТАНҲО ДАР БОРАИ ҲАМИН ЧИЗ ҒАМХОРӢ МЕКУНАД!
АММО МАН ЧӢ? МАН ДАР ИН БОЗИҲОИ СИЁСӢ ИШТИРОК КАРДАН НАМЕТАВОНАМ, МАН ФАҚАТ МЕХОҲАМ ХУДИИ ХУД БОШАМ ВА МЕҲНАТ КУНАМ!
АЗ ҲАМИН САБАБ МАҚОМИ ТУ БАРОБАРИ ...
ҲОЙ, ТУ! ДАР ҶОЯТ ИСТ!


ДУХТАРИ ҶАВОН, ТУ ЧӢ НОМ ДОРӢ?
ШУМО КИСТЕД? ВА АЗ МО ЧӢ МЕХОҲЕД?
«МО»? АЗ ТУ БА МАН ҲЕҶ ЧИЗ ДАРКОР НЕСТ; МАН ТАНҲО БА ИН ДУХТАР КОР ДОРАМ.
БА МАН БИГӮЙ, ДУХТАРИ ҶАВОН, ИН КАС ШАВҲАРИ ТУСТ?
Ӯ АМАКДУХТАРИ МАН АСТ. АЗ Ӯ ЧӢ МЕХОҲЕД?
ШУМО, ҶАНОБ, АЗ ПЕШИ РОҲИ МАН БАРКАНОР ШАВЕД ВА ИМКОН ДИҲЕД, КИ БО … ХОҲАРАТОН ГАП ЗАНАМ.
МОРДЕХАЙ! ОСУДА БОШ!
ШУМО ЧИРО ДОНИСТАН МЕХОҲЕД?
МАН ҲЕҶ КОРИ БАД НАКАРДААМ ВА АМАКБАЧААМ – ШАҲРВАНДИ НЕКРАФТОР АСТ.
МАН АЛЛАКАЙ ГУФТАМ, КИ БА АМАКБАЧААТ КОРЕ НАДОРАМ!
АММО ТУ, БА МАН БИГӮЙ...
ТУ БОКИРА ҲАСТӢ?
МАН МЕДОНАМ, КИ ШУМО ЧӢ МЕХОҲЕД!
ШУМО ӮРО БО ХУД НАМЕБАРЕД!


НЕ!
ИСТ!
ТУ БО МАН МЕРАВӢ.
ХУДИ ҲОЗИР.
МАН ВАКОЛАТ ДОРАМ ҲАР ДУХТАРЕРО, КИ БА НАЗАРАМ, БА ПОДШОҲ ДАР ҶУСТУҶӮИ ҲАМСАР МУВОФИҚ АСТ, НАЗДИ Ӯ ОВАРАМ.
ВА ТУ, БА ФИКРАМ, БА Ӯ МУВОФИҚ ҲАСТӢ.
НЕ, ИЛТИМОС, МАРО АЗ МОРДЕХАЙ ҶУДО НАКУНЕД!
ИЛТИМОС!
Ӯ ЯГОНА ХЕШИ НАЗДИКИ МАН АСТ! МАН НИЗ ЯГОНА ХЕШИ НАЗДИКИ Ӯ ҲАСТАМ!
ЧӢ ГУНА РИҚҚАТОВАР.
ДАР ТАМОМИ ШАҲР БИСЁР ДУХТАРОНЕ ҲАСТАНД, КИ МАЛИКА ШУДАН МЕХОҲАНД.
ЧАРО ДУХТАРЕРО НАМЕҶӮЕД, КИ ҲАҚИҚАТАН ИНРО МЕХОҲАД?
БАРОИ МАН ФАРҚ НАДОРАД, КИ ТУ ЧӢ МЕХОҲӢ!
МАН ТАНҲО БА ОН ЧИ ХОҲААМ – ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ МЕХОҲАД, АҲАМИЯТ МЕДИҲАМ!
БАРОИ АМАКБАЧААТ ТАШВИШ НАКАШ.
ДАР ДАВОМИ ҲАМИН СОЛ ТУ ВА ЧОРСАД ДУХТАРИ ДИГАР САНЪАТИ ЗАНОНАИ МАЛИКА БУДАНРО МЕОМӮЗЕД.
БАЪД ПОДШОҲ БО ҲАР ЯКЕ ЯК ШАБРО МЕГУЗАРОНАД, ВА БАЪДИ ОН БА ҚАРОРЕ МЕОЯД, КИ КАДОМЕ МАЛИКА МЕШАВАД.
АГАР ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ ТУРО РАД КУНАД, НАЗДИ АМАКБАЧААТ БАРМЕГАРДӢ.



ОЁ МУМКИН АСТ БО АМАКБАЧААМ ХАЙРУХУШ КУНАМ?
ЧӢ? НЕ!!!
ФАҚАТ ЗУД БОШ.
МОРДЕХАЙ, АГАР МУҚОБИЛАТ НАМОЕМ, ЧӢ РӮЙ МЕДИҲАД?
МАН НАМЕТАВОНАМ ТУРО АЗ ДАСТ ДИҲАМ, ЭСТЕР! ТУ БАРОИ МАН ЧУН ДУХТАРАМ ҲАСТӢ!
ТУ ҲАМ БАРОЯМ ЧУН ПАДАР ҲАСТӢ, ВА ТУ МАРО ЧУН ПАДАР ТАРБИЯ НАМУДАЙ.
МАН ҲАМЕША ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ДАР БОРАИ АҶДОДОНАМОН ТАЪЛИМ ДОДА БУДӢ, ДАР ЁД НИГОҲ МЕДОРАМ.
БА ҲЕҶ КАС НАГӮЙ, КИ ТУ ЯҲУДӢ ҲАСТӢ.
БИСЁР КАСОН ХАЛҚИ МОРО АЗ БОИСИ ОН ЧИ МО ДАР ХИЗМАТИ ҲУКМРОНОНИ ИН ХАЛҚ МЕКУНЕМ, ДӮСТ НАМЕДОРАНД.
ДАР ЁД НИГОҲ ДОР, ТУ ҲЕҶ ГОҲ ТАНҲО НАХОҲӢ БУД.
«ТАНҲО НАХОҲАМ БУД...»
ПАРВО НАКУН, МОРДЕХАЙ, ПАС АЗ ОН КИ ПОДШОҲ МАРО МЕБИНАД, ҲАМОН ЗАМОН МАРО ПАС ГАРДОНДА МЕФИРИСТАД, ВА МАН БА ХОНА БАРМЕГАРДАМ.
ВА ШОЯД, БО ХУД КАМЕ МЕВА МЕБИЁРАМ!
ТУ ЧӢ НОМ ДОРӢ?
ҲАДА... ЭСТЕР, ҶАНОБ.
ЭСТЕР. ИН НОМ МАЪНОИ «СИТОРА»-РО ДОРАД, ҲАМИН ТАВР НЕ? НОМИ ХУБ БАРОИ ТУ БАРИН ДУХТАР.
МЕРАВЕМ, ТАЪЛИМИ ТУ ҲАМИН ЗАМОН САР МЕШАВАД...



ДУХТАРОНИ ЗЕБО, БА ҚАСРИ ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ ХУШ ОМАДЕД!
АКНУН ШУМО, АЛБАТТА, МЕДОНЕД, КИ БАРОИ ЧӢ ДАР ИН ҶО МЕБОШЕД!
ШУМО ТАНҲО БО ЯК МАҚСАД ДАР ИН ҶО ҲАСТЕД: БА ПОДШОҲ ПИСАНД ОМАДАН!
ВА МО ТАМОМИ СОЛ ШУМОРО ТАЪЛИМ МЕДИҲЕМ, КИ НАМУДИ ЗОҲИРИЯТОН БОЯД ЧӢ ГУНА БОШАД, ВА ЧӢ ТАВР РАФТОР НАМОЕД, ТО БА ИН МАҚСАД РАСЕД!
ГӮШ КУНЕД ВА ОМӮЗЕД, ВА ОН ГОҲ, УМЕДВОРАМ, ЯКЕ АЗ ШУМО МАЛИКА МЕШАВАД...
... ЧИЗЕ ДАРКОР ШАВАД, БА ШУМО ОВАРДА МЕШАВАД. МЕТАВОНЕД АЗ МАН Ё АЗ ДИЛХОҲ ХИЗМАТГОР ЧИЗИ ДАРКОРИРО ХОҲИШ НАМОЕД.
ВА ИН… ИН ОИНА АСТ? ОН БАРОИ ЧӢ ДАРКОР АСТ, ШАБНАН.
АГАР ХОҲӢ, КИ ЗЕБО ТОБӢ, БОЯД ИМКОНИЯТИ ДИДАНИ ХУДРО ДОШТА БОШӢ.
МАГАР ТУ ҲЕҶ ГОҲ ДАР НАЗДИ ОБ ИСТОДА, АКСИ ХУДРО МУШОҲИДА НАКАРДАӢ? ИН МОНАНДИ ҲАМОН АСТ.
НЕ, ҲЕҶ ГОҲ.
АГАР МАН МОНАНДИ ТУ ЗЕБО МЕБУДАМ, ЧУНИН МЕКАРДАМ...
...ТУ БОЯД НА ТАНҲО ЗЕБО БОШӢ, БАЛКИ НИЗ БӮИ ХУШ ДОШТА БОШӢ. ҲИССИ ШОММА –ЯКЕ АЗ ҲИССИЁТҲОИ Қ АВИИ МОСТ.
ҲАТТО БАРОИ ТУ, ҲЕҶОЙ?
МАН ПАЙ БУРДАМ, КИ ҚУВВАИ БӮИ ХУШ НА АЗ ХУДИ ОН БАРМЕОЯД, БАЛКИ АЗ ХОТИРАҲОЕ КИ ОН БЕДОР МЕКУНАД.
БӮИ ЛАВАНДА МАРО МАҲЗУН МЕКУНАД, ВА МАН ДАР БОРАИ МОДАРИ АЗИЗАМ ФИКР МЕКУНАМ, АММО ОН ДАР МАРДҲО ФИКРҲОИ ДИГАРРО БЕДОР КАРДА МЕТАВОНАД...
ЭСТЕР 2:3-4


... ИН МОНАНДИ ОН АСТ, КИ ТОВУСИ НАР ПАРҲОИ ЗЕБОИ ХУДРО ПАҲН МЕКУНАД, ТО КИ ТОВУСИ МОДАРО ҶАЛБ НАМОЯД.
ИН ҲИЛАЕСТ БАРОИ ПАЙДО НАМУДАНИ МУВОЗИНАТ БАЙНИ ҶАЛБ КАРДАНИ ДИҚҚАТ ВА НИГОҲ ДОШТАНИ ЗЕБОИИ ТАБИӢ...
...АГАР БЕ ДАЪВАТ НАЗДИ ПОДШОҲ РАВЕД, КУШТА МЕШАВЕД, АГАР Ӯ ЧӮБДАСТАШРО БАРОИ ҚАБУЛ КАРДАНИ ШУМО ДАРОЗ НАКУНАД.
ВА АГАР ПОДШОҲ ШУМОРО ДАЪВАТ КАРДА БОШАД ВА ШУМО НАЗДИ Ӯ НАРАВЕД, КУШТА МЕШАВЕД!
БО МАЛИКА ВАШТӢ ЧӢ ШУД?
ИН ҚАРОРИ СИЁСӢ БУД! ХАТО СОДИР НАКУНЕД! ШУМО МАЛИКА ВАШТӢ НЕСТЕД..
... ОЁ ТУ ҲАҚИҚАТАН МӮЙҲОИ КАСИ ДИГАРРО БА МӮЙҲОИ ХУД МЕБОФӢ?
ДУХТАРИ БЕЧОРАЕ КИ ИН МӮЙҲО АЗ Ӯ ГИРИФТА ШУДААНД, КИ БА ОНҲО ЭҲТИЁҶ НАДОШТ.
ТУ МӮЙҲОИ ХЕЛЕ ХУБ ДОРӢ ВА БА ТУ ЛОЗИМ НЕСТ, КИ БА МӮЙҲОЯТ МӮЙҲОИ ДИГАРРО ҲАМРОҲ КАРДА БОФӢ. ТУ ХУШТОЛЕЪ ҲАСТӢ!
АФСӮС, КИ ОНҲО МӮЙҲОИ **ТУРО** БАРОИ МАН ХАРИДА НАМЕТАВОНАНД...
...ЗЕБОИИ ҲАҚИҚӢ, МАЛОҲАТ ВА ЛАТОФАТ, НА ТАНҲО ЭҲСОСОТНОКӢ.
РОСТИ ГАП, БА ФИКРАМ, ТАНҲО ЯКЕ АЗ ШУМО ГАПҲОИ МЕГУФТАИ МАРО МЕФАҲМАД.
АГАРЧИ, БА ФИКРАМ, Ӯ ТО ҲОЛ НАМЕДОНАД, КИ ИНРО МЕДОНАД...
... ЧАРО БАЪЗЕ ДУХТАРОН БА РӮЯШОН САФЕДӢ МЕКУНАНД?
ЭСТЕР, ҲАР ЯК ДУХТАР ОН КОРЕРО МЕКУНАД, КИ БА ФИКРАШ, ӮРО ЗЕБО МЕГАРДОНАД.
БАРОИ БИСЁРИҲО ИН НИҚОБ АСТ, ТО КИ СИМОИ ҲАҚИҚИИ ХУДРО ПИНҲОН КУНАНД.
АММО БА ТУ, АЗИЗАКАМ, НИҚОБ ДАРКОР НЕСТ...
...ДИГАР ДУХТАРОН БА ҚАРОРЕ МЕОЯНД, КИ КУРТАҲОИ БЕШТАР КУШОДА ПӮШАНД.
ОНҲО ПУРРА БА ҚАДУ ҚОМАТИ ТУ МУВОФИҚАТ МЕКУНАНД, ЭСТЕР, АММО НА БА ШАХСИЯТИ ТУ.
ҲЕҶОЙ, ДАР ИН ҶО ИН ҚАДАР ДУХТАРОНИ БИСЁР ҲАСТАНД, КИ АЗ МАН ХЕЛЕ ЗЕБОТАРАНД.
ЧАРО ТУ БА МАН ТАВАҶҶӮҲ ЗОҲИР МЕНАМОӢ?
ТУ НАМЕФАҲМӢ, ЭСТЕРИ АЗИЗ, ВА ИН ТУРО БОЗ ЗЕБОТАР МЕГАРДОНАД...
ЭСТЕР 2:12-14


... ТУ МЕТАВОНӢ ЧИЗИ МЕХОСТААТРО ПУРСӢ, ТО КИ ҲАНГОМИ НАЗДИ ПОДШОҲ ҲОЗИР ШУДАНАТ ИСТИФОДА БАРӢ.
БО ВУҶУДИ ИН, МАН ОРОИШОТ ВА ЗАРУ ЗЕВАРИ ОДДӢ, МАКИЯЖРО МАСЛИҲАТ МЕДИҲАМ, КИ ЗЕБОИИ ТУРО РӮПУШ НАМЕКУНАД, БАЛКИ ТАЪКИД МЕНАМОЯД.
НА МАСЛИҲАТҲОИ ИН ДУХТАРОНИ ШӮҲРАТПАРАСТРО, БАЛКИ ДАСТУРҲОИ МАРО РИОЯ НАМО …
ЭСТЕР!!!
ЭСТЕР! ЭСТЕРИ АЗИЗ!
ИН КИСТ?
ИН МОРДЕХАЙ АСТ. Ӯ ДАР НАЗДИ ДАРВОЗАИ ҚАСРИ ПОДШОҲ ХИЗМАТ МЕКУНАД.
Ӯ АМАКБАЧАИ МАН АСТ.
ЭСТЕР, БО Ӯ ВОХӮРДАНИ ТУ МУМКИН НЕСТ. ПОДШОҲ ХЕЛЕ БАДРАШК АСТ, ВА ТУ, МОҲИЯТАН, ЯКЕ АЗ ЗАНҲОИ Ӯ ҲАСТӢ.
МАН ЯК СОЛ ИНҶОНИБ ӮРО НАДИДААМ! АЗ ОН ВАҚТЕ КИ ОДАМОНИ ТУ МАРО БА ИН ҶО ОВАРДАНД!
МОРДЕХАЙ МАРО ДУХТАРХОНД КАРД! МАРО БА ВОЯ РАСОНД! МАРО ҲИМОЯ НАМУД!
ВА АКНУН МАН ТУРО ҲИМОЯ МЕКУНАМ!
ҶОЗИБАНОКИИ МАСЪАЛА НИЗ ДАР ҲАМИН АСТ! ТУ БА ҲАР ҲОЛ ДАР НАЗДИ МАН ХОҲӢ БУД!
ОҲ, МОРДЕХАЙ! БАРОДАРИ АЗИЗАМ!
БА МАН ГУФТАНД, КИ КАСЕ ҲАР РӮЗ НАЗДИ ДАРҲОИ ҲАРАМ ОМАДА, ДАР БОРАИ МАН ПУРСУПОС МЕКУНАД!
МАН МЕДОНИСТАМ, КИ ИН ТУ ҲАСТӢ!
АҲВОЛАТ ХУБ АСТ?
ҲА. ҲЕҶОЙИ ХОҶАСАРОЙ, КИ БАРОИ МО МАСЪУЛИЯТ ДОРАД, БА МАН БИСЁР ҒАМХОРӢ МЕКУНАД.
Ӯ ҲАФТ ДУХТАРРО БА ХИЗМАТИ МАН ДОДААСТ ВА ҶОИ БЕҲТАРИНРО ДАР ҲАРАМ БАРОИ МАН ҶУДО КАРДААСТ. ВА МАН...
МАН ОН ЧИРО, КИ АЗ МАН ХОҲИШ КАРДӢ, БА ҶО ОВАРДАМ. ВА ҲАМИН ТАВР КАРДАНРО ДАВОМ МЕДИҲАМ.
ЯК СОЛИ ТАЙЁРИИ Ӯ БА ОХИР РАСИД. БА ЗУДӢ ӮРО НАЗДИ ПОДШОҲ ДАЪВАТ МЕКУНАНД.
ЭСТЕР, НАТАРС. ҲАНГОМЕ КИ НАЗДИ ПОДШОҲ ҲОЗИР МЕШАВӢ, ОН ЧИРО, КИ БА ТУ ГУФТА БУДАМ, БА ЁД ОВАР.
МАН ТАНҲО НЕСТАМ.
ТУ ҲЕҶ ГОҲ ТАНҲО НАХОҲӢ БУД.
ҲАНГОМЕ КИ ВАҚТ МЕРАСАД, МАН МЕДОНАМ, ТУ ИМКОН МЕДИҲӢ, КИ ЗЕБОИИ ҲАҚИҚИИ ТУ ДУРАХШАД—


«—ЧУН СИТОРАИ ДУРАХШОН, МОНАНДИ ТУ, ЭСТЕР».
ПОДШОҲ ТУРО ҚАБУЛ МЕКУНАД! ПЕШ РАВ!
ЭСТЕР 2:15


ТУ ЧӢ НОМ ДОРӢ?
МАН… МАН …. НОМИ МАН… НОМИ МАН ЭСТЕР, ҶАНОБ.
ХУДРО НОРОҲАТ ҲИС КАРДАН ДАРКОР НЕСТ, ЭСТЕР.
МАН… АЗ ОН ВАҚТЕ КИ … ЧУНИН ЗЕБОИРО НАДИДААМ…
ХУДРО НОРОҲАТ ҲИС КАРДАН ДАРКОР НЕСТ, ҶАНОБ.
БИЁ, ЭСТЕР, БО ҲАМ ХӮРОКИ ШОМ МЕХӮРЕМ!
САРОШПАЗИ МАН ХӮРОКИ ХЕЛЕ БОЛАЗЗАТ ТАЙЁР КАРДААСТ, КИ ҲЕҶ КАС ПЕШ АЗ ИН НАЧАШИДААСТ …
... ОЁ БА ТУ ҲАМААШ МАЪҚУЛ ШУД?
МАН БА ТУ ТАШАККУР МЕГӮЯМ, ЭСТЕР, БАРОИ ИЛТИФОТЕ КИ БА МАН ЗОҲИР НАМУДА, БО МАН ХӮРОК ХӮРДӢ …
ПОДШОҲАМ, МАН БА ШУМО БАРОИ ИЛТИФОТЕ КИ БА МАН ЗОҲИР НАМУДА, МАРО БО ЧУНИН ХӮРОКИ ОЛИДАРАҶА ЗИЁФАТ НАМУДЕД, ТАШАККУР МЕГӮЯМ.
ТАМОМИ ИН БЕГОҲ НА ОН ТАВР БУД, КИ МАН ТАСАВВУР МЕКАРДАМ, ПОДШОҲАМ.
ШОМИ МО АКНУН САР ШУД. ДАР ОН КАНОРИ БОҒ ПАРАНДАҲОЕ ҲАСТАНД, КИ БА ТУ НИШОН ДОДАНӢ ҲАСТАМ.
АММО БА ҲАР ҲОЛ, МАН ФИКР МЕКУНАМ, КИ ЗЕБОИИ ОНҲО БА ЗЕБОИИ ТУ БАРОБАР ШУДА НАМЕТАВОНАД.
МАН ҲИС МЕКУНАМ, КИ ЭҲТИМОЛ ЯК БЕГОҲ БО ҲАМ БУДАНИ МО КИФОЯ НАХОҲАД БУД …
ЭСТЕР 2:16



АЗ ҲАМИН САБАБ МАН ШОДАМ, КИ МАРО БАРОИ ИН ИНТИХОБ КАРДААНД!
АКНУН МО ЯК ҚИСМЕ АЗ СУРРИЯҲОИ Ӯ МЕБОШЕМ, ВА АЗ ҲЕҶ ҶИҲАТ МУҲТОҶӢ НАХОҲЕМ КАШИД! МО МАЛИКАҲО НЕСТЕМ, АММО ҲАЁТ БА ҲАР ҲОЛ ХУБ ХОҲАД БУД.
ИН НА ОН ҲАЁТЕСТ, КИ МАН ИНТИЗОРИ ОН БУДАМ …
… Ё ҲАТТО МЕХОСТАМ …
ТУ АЗ ЗИНДАГӢ ЧӢ МЕХОСТӢ, АЗИЗАКАМ?
ОЁ ҲАҚИҚАТАН АЗ ЗИНДАГӢ БЕШТАР АЗ ИН ЧИЗЕРО ИНТИЗОР БУДӢ?
МАН УМЕДВОР БУДАМ БО КАСОНЕ УМР БА САР БАРАМ, КИ ДӮСТАШОН МЕДОРАМ, ВА ШОЯД ОИЛА БУНЁД КУНАМ.
ТУ АКНУН ЯКЕ АЗ ЗАНҲОИ ПОДШОҲ ҲАСТӢ! ВА МО АҲЛИ ОИЛАИ ТУ ҲАСТЕМ!
ЭСТЕР! ВАҚТ КАМ АСТ! ШИТОБ КУН!
ЧӢ ШУДААСТ?
ПОДШОҲ ТАЛАБ НАМУД, КИ ТУ НАЗДИ Ӯ ҲОЗИР ШАВӢ!
ЧӢ ТАВР… ПОДШОҲ?
БИЁ МЕРАВЕМ! ШАБНАН ТУРО БО КУРТАЕ КИ МАН БАРОЯТ ИНТИХОБ КАРДАМ, ИНТИЗОР АСТ!
АММО… ЧӢ ТАВР…
ӮРО?! ПОДШОҲ ЭСТЕРРО БОЗ ДАЪВАТ КАРДААСТ? Ӯ ҲАНӮЗ ҲЕҶ КАСРО БОРИ ДУЮМ ДАЪВАТ НАКАРДААСТ!
БА ФИКРАМ, ШУМО НАМЕДОНЕД, КИ ЧАРО МАРО БА ИН ҶО ДАЪВАТ КАРДААНД?
. . .
ҲЕҶ ГАП НЕ, БА ҲАР ҲОЛ ҲЕҶ КАС БА МАН ҶАВОБ НАМЕДИҲАД.
ПОДШОҲ ТУРО ҚАБУЛ МЕКУНАД, ЭСТЕР! ДАРО!
ЭСТЕР! ХУШ ОМАДӢ!
АЪЛОҲАЗРАТ, ШУМО ИЛТИФОТ НАМУДА, ХОСТЕД БОЗ БО МАН ВОХӮРЕД!
МАН НА ТАНҲО ХОСТАМ БО ТУ ВОХӮРАМ!
МАН БА ТУ ЧИЗЕ ДОДАН МЕХОҲАМ.
ЭСТЕР, БИСЁР ЗАНОН СУРРИЯҲО ВА ҲАМСАРОНИ МАН БУДАНД.
АММО ТАНҲО ЯК ЗАН ҲАСТ, КИ МАН ӮРО МЕХОҲАМ...
ЭСТЕР 2:17


… МАЛИКАИ ХУД ИНТИХОБ КУНАМ!
МАН БА ШУМО МАЛИКА ЭСТЕРРО МУАРРИФӢ МЕКУНАМ!
АКНУН БА ШАРАФИ МАЛИКАИ НАВИ МАН БАЗМИ КАЛОН ОРОСТА МЕШАВАД!
ВА ТАМОМИ МАРДУМИ КИШВАР БО МО ҶАШН МЕГИРАНД!!!
БИЁ, ЭСТЕР, БО ҲАМ ХӮРОКИ ШОМ МЕХӮРЕМ!
САРОШПАЗИ МАН ХӮРОКИ ОЛИДАРАҶАЕ ТАЙЁР КАРДААСТ, КИ ПЕШТАР ҲЕҶ КАС НАЧАШИДА БУД…
БОЗ? НАМЕДОНАМ, КИ ОЁ ДУТО ЧУНИН ХӮРОКИ ШОМ ДАР ҲАЁТИ МАН ЗИЁДАТӢ НАБОШАД.


ПОДШОҲАМ, ОЁ ШУМОРО БА МУНОСИБАТИ ИНТИХОБИ ҲАМСАР ТАБРИК КАРДА МЕТАВОНАМ?
МЕТАВОНӢ, ҲОМОН! МЕТАВОНӢ!
ЭСТЕР, ШУМО БЕНИҲОЯТ ЗЕБОЕД, ЧУНОН КИ ҲАМА МЕГУФТАНД.
ТАШАККУР.
ЭСТЕР!
ЭСТЕР! БА ТУ ГАП ДОШТАМ!
ПОДШОҲАМ, ОЁ МУМКИН АСТ ДАҚИҚАЕ ШУМОРО ТАРК КУНАМ?
ҲА, ҲА, ЭСТЕР! ЗУД БАРГАРД!
ҲАМИН ТАРИҚ, ҲОМОН, МАН МЕФАҲМАМ, ТУ ИДЕЯҲОИ БЕНАЗИР ДОРӢ!
МОРДЕХАЙ, МАН БА ОН ЧИ ҲОЗИР РӮЙ ДОД БОВАР КАРДА НАМЕТАВОНАМ!
ҲАМА ЧИЗ ЧУНОН ЗУД РӮЙ ДОД, ВА МАН ДАР БАЙНИ ҲАМАИ ИН ҒОФИЛГИР ШУДАМ!
МАН ҲАТТО ШУНИДАМ, КИ ПОДШОҲ БА ШАРАФИ ИД АНДОЗҲОРО ДАР ВИЛОЯТҲО КАМ КАРДААСТ!
ҲАМАИ ВОҚЕАҲО ХЕЛЕ ЗУД БА АМАЛ ОМАДАНД!
МОРДЕХАЙ, ЧӢ ВОҚЕА РӮЙ ДОД?
ИН САҲАРӢ, ҲАНГОМЕ КИ НАЗДИ ДАРВОЗАИ ПОДШОҲ ОМАДАМ, ГУФТУГӮИ ДУ КАСРО ШУНИДАМ, КИ ПИЧИРРОСЗАНОН ГУФТУГӮ МЕКАРДАНД.
«ОНҲО БИҒТОН ВА ТОРАШ МЕБОШАНД – АЗ ХОҶАСАРОЁНИ ПОДШОҲ. ТУ ШОЯД ОНҲОРО МЕШИНОСӢ».
«ШОЯД, ОНҲО АЗ ОН ХАШМГИН ШУДААНД, КИ НА ОН ДУХТАРЕ КИ ОНҲО МЕХОСТАНД, МАЛИКА ИНТИХОБ ШУДААСТ».
«ЧУНОН КИ МЕДОНӢ, ОДАТАН ПОДШОҲ ТАМОМАН ДАСТНОРАС АСТ, АММО ДАР ВАҚТИ БАЗМҲО ВА ИДҲО Ӯ ПУРРА ҲАМЛАПАЗИР АСТ».
«ВА ЧУНОН КИ МАН ШУНИДАМ, ОНҲО НАҚША КАШИДААНД, КИ АЗБАСКИ ХИЗМАТГОРОНИ БОВАРИНОК ҲАСТАНД, ҲАНГОМИ ДАВУҒЕҶИ БАЗМ АЗ ФУРСАТ ИСТИФОДА БУРДА ...»
ЭСТЕР 2:21-22



...ПОДШОҲРО КУШАНД!!!
ЧАРО ТУ ҲАМАИ ИНРО БА МАН МЕГӮЙ?
БАРОИ ОН КИ, ЭСТЕР, АГАР НАҚШАИ ОНҲО АМАЛӢ ШАВАД, ТАМОМИ ХАЛҚ ВА ВИЛОЯТҲОИ АТРОФ ДАР ҲОЛАТИ ҲАМЛАПАЗИР ХОҲАНД БУД.
КОШКИ ЯГОН КОР КАРДА МЕТАВОНИСТАМ, АММО МАН ТАНҲОЯМ, ИЛОВА БА ИН, ЯҲУДӢ ҲАСТАМ, КИ ҲОМОН БАРИН ОДАМОН АЗ МАН НАФРАТ ДОРАНД.
АММО ТУ, ТУ МАЛИКА ҲАСТӢ.
БА МАН ҲАМААШРО БИГӮЙ.
ҲАМАИ ҶУЗЪИЁТРО.
ЭСТЕР! ТУ ҲОМОНРО МЕШИНОСӢ?
Ӯ СИЁСАТМАДОР АСТ, ХАТОҲО СОДИР НАМЕКУНАД, АММО МАН КӮШИШҲОИ ӮРО МАНФИАТНОК МЕҲИСОБАМ.
ТАШАККУР, ҲАЗРАТАМ. ПОДШОҲ ТО АБАД ЗИНДА БОД.
ПОДШОҲАМ, УЗР МЕХОҲАМ, КИ ГАПАТОНРО МЕБУРАМ – МЕДОНАМ, КИ ВАҚТАТОН ГАРОНБАҲОСТ.
ЭСТЕР, ЧӢ ВОҚЕА РӮЙ ДОДААСТ?
МАН... МАН КАСЕРО МЕШИНОСАМ, КИ НАЗДИ ДАРВОЗАИ ПОДШОҲ КОР МЕКУНАД, ВА Ӯ ҲАНГОМИ ОН ҶО БУДАНАШ... ГУФТУГӮИ ДУ КАСРО ШУНИДААСТ.
ДАР БОРАИ ЧӢ?



> <
> <
БУБАХШ, ҲОМОН, МАН БОЯД БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОРО ҲАЛ КУНАМ.
БО МАН БИЁ, ЭСТЕР!
ИЛТИМОС! МАН ҲЕҶ КОРИ БАД НАКАРДААМ!
НЕ?
ОДАМОНИ МАН ТАДҚИҚОТ ГУЗАРОНДАНД! МАН БОЯД ХУДАМ БА ҲАМАИ ИН БОВАРӢ ҲОСИЛ МЕКАРДАМ, ПЕШ АЗ ОН КИ ШУМОЁН БАРИН ХИЗМАТГОРОНИ БОВАРИНОКРО ҶАЗО ДИҲАМ!
ВА МАН ФАҲМИДАМ, КИ ШУМОЁН МЕХОСТЕД БОВАРИИ МАРО СУИИСТИФОДА КАРДА, МАРО КУШЕД!
МАРО!!!
ВА БАРОИ ИН ШУМОЁН КУШТА МЕШАВЕД!!!
ШУМОЁН ҚАТЛ КАРДА МЕШАВЕД ВА ТАМОМИ МАРДУМ МАРГИ ПУРАЗОБИ ШУМОРО МЕБИНАНД!!!
ИНҲОРО БАРЕД!!!
ЭСТЕР, ИН МАЪЛУМОТРО БА ТУ КӢ ДОД?
Ӯ МОРДЕХАЙ НОМ ДОРАД.
НОМИ Ӯ ДАР КИТОБИ ВОҚЕАҲО, КИ ДАР НАЗДИ ПОДШОҲ АСТ, НАВИШТА МЕШАВАД, ВА Ӯ МУКОФОТОНИДА МЕШАВАД.
ЭСТЕР 2:23



ХОНУМ, МАЛИКА ЭСТЕР!
ОЁ МУМКИН АСТ ИН САҲАРӢ БА ШУМО КАМЕ МЕВА ПЕШКАШ НАМОЯМ?
МАН ПЕШТАР ИН МЕВАРО БАРОИ АМАКБАЧААМ МЕХАРИДАМ, ҲАНГОМЕ КИ ЯКЧАНД ТАНГАИ ЗИЁДАТӢ ДОШТАМ.
АКНУН БА МАН НИГОҲ КУНЕД!
АМАКБАЧААТ … ИН ҲАМОН МОРДЕХАЙ АСТ, КИ НАЗДИ ДАРВОЗАИ ПОДШОҲ КОР МЕКУНАД, ҲАМИН ТАВР НЕ?
ҲА. МАН МЕХОҲАМ БО Ӯ БЕШТАР ВОХӮРАМ, АММО АЗ ОН ВАҚТЕ КИ МАН ТОҶГУЗОРӢ ШУДАМ, ҲАФТАҲО ВА МОҲҲО ГУЗАШТАНД.
ҲАНГОМИ СУРРИЯ БУДАНАМ МАН ОЗОДИИ БЕШТАР ДОШТАМ, АММО АЗ ОН ВАҚТЕ КИ ҲОМОН БА МАНСАБИ БАЛАНД ТАЪЙИН ГАРДИД, МАН МОРДЕХАЙРО ФАҚАТ ЯКЧАНД БОР ДИДАМ.
БА ФИКРАМ, ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ ФАРОМӮШ КАРДААСТ, КИ АМАКБАЧААМ БА СУИҚАСДИ ЗИДДИ Ӯ МОНЕЪ ШУДА БУД.
АЗ ҲАМИН САБАБ ҲОМОН САРАФРОЗ КАРДА ШУДААСТ ВА АМАКБАЧАИ МАН ҲАНӮЗ ҲАМ НАЗДИ ДАРВОЗАИ ПОДШОҲ КОР МЕКУНАД.
АМАКБАЧААТ БА ИЗЗАТИ НАФСИ ҲОМОН РАСИДААСТ!
Ӯ БА ВАЙ ТАЪЗИМ НАКАРДААСТ!
ҲОМОН ГУМОН МЕКУНАД, КИ АГАР ПОДШОҲ БА Ӯ ҲУСНИ ТАВАҶҶӮҲ ДОШТА БОШАД, ВАЙ МЕТАВОНАД ЧУН ПОДШОҲ РАФТОР КУНАД!
АМАКБАЧААМ НА АЗ ОН САБАБ БА ҲОМОН ТАЪЗИМ НАМЕКУНАД, КИ ӮРО ХАШМГИН КУНАД.
ПАС ЧАРО?
АЗ ОН САБАБ, КИ Ӯ …
АЗ ОН САБАБ, КИ Ӯ …
ХОНУМ ЭСТЕР!
ЧӢ МЕГӮЙ, ҲАТОХ?
ХОНУМ, МАН МЕДОНАМ, КИ ШУМО БА ШАХСИ СОЛХӮРДАЕ КИ НАЗДИ ДАРВОЗАИ ПОДШОҲ КОР МЕКУНАД, ҲУСНИ ТАВАҶҶӮҲ ДОРЕД.
АЗ ОН РӮЗЕ КИ МАН ЯКЕ АЗ ХОҶАСАРОЁНИ ҚАСРИ ПОДШОҲ ТАЪЙИН ШУДААМ, ШУМО ӮРО ЯКЧАНД БОР ҚАБУЛ КАРДЕД.
ИМРӮЗ МАН ӮРО БЕРУН АЗ ДАРВОЗА ДИДАМ.
ҲА, Ӯ ДАР ОН ҶО КОР МЕКУНАД, ҲАТОХ.
НЕ, МАЛИКА.
Ӯ АЗ ОН САБАБ БЕРУН АЗ ДАРВОЗА БУД, КИ ӮРО БА ДАРУН РОҲ НАДОДАНД.
БА ДАРУН РОҲ НАДОДАНД? ТУ ЧИРО ДАР НАЗАР ДОРӢ?




ЭСТЕР 4: 1-2



Ў ПАЛОС ПЎШИДА БУД ВА ХОКИСТАР БА САР ПОШИДА, ФИҒОН МЕКАРД!
ЧУНОН КИ МЕДОНЕД, ҲЕҶ КАС ҲАҚ НАДОРАД БО ЛИБОСИ МОТАМ АЗ ДАРВОЗАИ ПОДШОҲ ДАРУН ДАРОЯД.
ЯК ВОҚЕАИ ДАҲШАТОВАР РЎЙ ДОДААСТ.
МАН БОЯД ЎРО БИНАМ!
ЭҲТИМОЛ, ЯГОН ВОҚЕАИ БАД РЎЙ ДОДААСТ.
ХОНУМ ЭСТЕР, НЕ! ШУМО НАМЕТАВОНЕД БА ОН ҶО РАВЕД!
ШУМО МАЛИКА ҲАСТЕД, ВА НАМЕТАВОНЕД ЎҲДАДОРИҲОИ ХУДРО ВАЙРОН КУНЕД!
БОЯД КОРЕ КАРД! ПАС ЎРО ИН ҶО БИЁРЕД, ТО КИ МАН БА Ў ЁРӢ ДОДА ТАВОНАМ!
БО ЧУНИН ЛИБОС ДАРОМАДАНИ Ў МУМКИН НЕСТ!
БИРАВ, ҲАТОХ! БА Ў ЛИБОС ДЕҲ ВА ЎРО ИН ҶО БИЁР!
ВА БА Ў ГЎЙ, КИ ҲАР ЧӢ РЎЙ ДОДА БОШАД ҲАМ, МАН БАРОИ Ў ҲАМА КОРИ АЗ ДАСТАМ МЕОМАДАРО МЕКУНАМ!
ҲАТОХ, МОРДЕХАЙ ДАР КУҶОСТ?
МАЛИКАИ МЕҲРУБОН, АЗ ШУМО МАРҲАМАТ МЕХОҲАМ.
МАН БА Ў ЛИБОСРО БУРДА ДОДАМ, ЧУНОН КИ ШУМО ФАРМУДЕД.
БАЪД ЧӢ ШУД?
Ў ПАЛОСРО АЗ ТАН БАРОВАРДАН НАМЕХОҲАД
ЧӢ ВОҚЕА РЎЙ ДОДААСТ, КИ Ў НАМЕТАВОНАД ҒАМУ АНДЎҲАШРО БОЗДОШТА, НАЗДИ МАН БИЁЯД?!
ЧӢ ВОҚЕАИ ДАҲШАТОВАР РЎЙ ДОДААСТ?!
ҲАТОХ! БАРГАШТА БИРАВ ВА АЗ Ў БИПУРС, КИ ЧӢ ВОҚЕА РЎЙ ДОДААСТ!



ЭСТЕР, ШУМО ХОҲИШ КАРДА БУДЕД, КИ ҲАНГОМЕ ҲАТОХ МЕОЯД, ШУМОРО ОГОҲ НАМОЯМ.
Ӯ АЛЛАКАЙ ДАР ИН ҶОСТ.
ТАШАККУР, ШАБНАН.
ҲАТОХ, ОЁ МОРДЕХАЙ БА ТУ ГУФТ, КИ ЧӢ ВОҚЕА ШУДААСТ?
ҲА, ХОНУМ.
ОЁ ДАР ЁД ДОРЕД, КИ ҲАНГОМЕ ҲОМОНРО БА ВАЗИФАИ БАЛАНД ТАЪЙИН НАМУДАНД, МОРДЕХАЙ БА Ӯ ТАЪЗИМ НАКАРД?
ДАР ЁД ДОРАМ.
ҲОМОН НИЗ ДАР ЁД ДОРАД.
АЗ АФТИ КОР, МОРДЕХАЙ АЗ ОН САБАБ БА ҲОМОН ТАЪЗИМ НАКАРД, КИ ЯҲУДӢ АСТ.
ИН РОСТ АСТ?
ҲА, Ӯ...
**МО** ЯҲУДӢ ҲАСТЕМ.
МО БОВАРӢ ДОРЕМ, КИ ТАНҲО ЯК ХУДО ҲАСТ, ВА МО ФАҚАТ БА ХУДО САҶДА МЕКУНЕМ.
АКНУН МЕФАҲМАМ.
ВА АКНУН ҲАМИН ЧИЗ МЕТАВОНАД ШУМОРО АЗ ҲАМА ЧИЗ МАҲРУМ КУНАД.
ТУ ЧИРО ДАР НАЗАР ДОРӢ?
ОЁ ШУМО АЗ ҚОНУНИ НАВЕ КИ ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ ИМЗО КАРДААСТ, ХАБАР НАДОРЕД?
«ШУМО МЕДОНЕД, КИ ҲАНГОМЕ ПОДШОҲ ҲОМОНРО БА ВАЗИФАИ БАЛАНД ТАЪЙИН НАМУД, ҲОМОН ИНРО БАРОИ ОН ИСТИФОДА БУРД, КИ МАРДУМ БА Ӯ НИЗ ТАЪЗИМ КУНАНД».
«ВА ШУМО МЕДОНЕД, КИ АМАКБАЧААТОН АЗ БОИСИ ЯҲУДӢ БУДАНАШ ТАЪЗИМ КАРДАН НАХОСТ».
«АММО ЧИЗЕ ҲАСТ, КИ ШУМО НАМЕДОНЕД...»


«ХАШМЕ КИ ДАР ДИЛИ ҲОМОН АЛАНГА МЕЗАНАД, ЧУНОН ҚАВӢ АСТ, КИ Ӯ МЕХОҲАД НА ТАНҲО МОРДЕХАЙРО НОБУД КУНАД».
«Ӯ ҚУРЪА ПАРТОФТААСТ, ТО БАРОИ НОБУД КАРДАНИ ТАМОМИ ХАЛҚИ ШУМО РӮЗИ МУНОСИБЕРО ИНТИХОБ НАМОЯД!»
«Ӯ НАЗДИ ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ РАФТА, ГУФТ, КИ ДАР МАМЛАКАТ ХАЛҚЕ ҲАСТ, КИ ҚОНУНҲОИ ПОДШОҲРО РИОЯ НАМЕКУНАД».
«Ӯ ГУФТ, КИ БЕҲТАРАШ ОНҲО ОНҲО НОБУД КАРДА ШАВАНД».
Ӯ БА ПОДШОҲ ВАЪДА ДОД, КИ БА ХАЗИНАИ Ӯ ПУЛИ БИСЁР МЕДИҲАД».
«ПОДШОҲ АНГУШТАРИИ МӮҲРДОРИ ХУДРО БА ҲОМОН ДОД».
«ВА ИҶОЗАТ ДОД ФАРМОНЕ ДАР БОРАИ НОБУД КАРДАНИ ЯҲУДИЁН НАВИСАД».
«ВА БА ҲАМАИ КАСОНЕ КИ ДАР ИН КОР ЁРӢ МЕРАСОНАНД, МЕТАВОНАНД МОЛУ МУЛКИ ОНҲОРО ТОРОҶ КУНАНД».
«ИН ФАРМОН НА ТАНҲО БАРОИ ВИЛОЯТИ ФОРС, БАЛКИ БАРОИ ҲАМАИ ВИЛОЯТҲОИ ПОДШОҲИИ АҲАШВЕРУШ АСТ».
«ИН ФАРМОН ДАР БОРАИ НОБУД КАРДАНИ ПАЙРАВОНИ ХУДОИ ЯГОНАИ ШУМОСТ».
«ҲАМАИ ЯҲУДИЁН МОТАМ ГИРИФТА, МЕГИРЯНД».
«ВА АМАКБАЧАИ ШУМО ДАР БАЙНИ ОНҲО».
«ДАР ҲОЛЕ КИ ПОДШОҲ АҲАШВЕРУШ ВА ҲОМОН БО ҲАМ НИШАСТА, МАЙНӮШӢ МЕКУНАНД».
ИН ҲАҚИҚАТ БУДА НАМЕТАВОНАД...
БИСЁР КАСОН БОВАР НАМЕКУНАНД. ФОРСҲО ВА ЯҲУДИЁН БА ҲАМ МОНАНД ҲАСТАНД.
АММО ПАС АЗ ХОНДАНИ ФАРМОН ТАМОМИ НОБОВАРӢ АЗ БАЙН МЕРАВАД.
АМАКБАЧААТ ОН ИНРО ДОД.



ИН… ИН РОСТ АСТ.
ҲА.
АМАКБАЧААТОН ХОҲИШ КАРД, КИ ДАРХОСТИ ӮРО БА ШУМО РАСОНАМ: Ӯ МЕХОҲАД, КИ ШУМО НАЗДИ ПОДШОҲ РАВЕД.
ВА АЗ ПОДШОҲ ИЛТИМОС НАМОЕД, КИ ИН ҚОНУНРО БЕКОР КУНАД.
НЕ!!!
ОХИР, Ӯ МЕДОНАД, КИ ҲАР КАСЕ КИ БЕ ДАЪВАТ БА НАЗДИ ПОДШОҲ ДАРОЯД, КУШТА МЕШАВАД!
МАН ИСТИСНО НЕСТАМ!
АГАР НАЗДИ ПОДШОҲ РАВАМ ВА Ӯ ЧӮБДАСТАШРО СӮИ МАН ДАРОЗ НАКУНАД, МАН КУШТА МЕШАВАМ!
БА Ӯ РАСОН, КИ Ӯ МАРО БА МАРГ РАВОНА КАРДА ИСТОДААСТ!!!
РАВ! БА ВАЙ ГӮЙ!
АЗ Ӯ ПУРС, КИ ЧӢ ТАВР Ӯ ТАВОНИСТ АЗ МАН ЧУНИН ХОҲИШЕ КУНАД!!!


ТУ БО МОРДЕХАЙ ГАП ЗАДӢ.
Ӯ ЧӢ ГУФТ?
МАЛИКА ЭСТЕР, Ӯ ГУФТ: «ГУМОН НАКУН, КИ ДАР ҚАСР АЗ ҚОНУНИ ҲОМОН БАРКАНОР МЕМОНӢ.
АГАР ТУ ХОМӮШ МОНӢ, ХАЛОСӢ БАРОИ ЯҲУДИЁН БА ҲАР ҲОЛ МЕОЯД. АММО ХОНАДОНИ ПАДАРАТ НОБУД МЕШАВАД».
ВА Ӯ БОЗ ГУФТ: «ВА КӢ МЕДОНАД, ОЁ НА БАРОИ ЧУНИН РӮЗ …
БА МАҚОМИ МАЛИКА РАСИДАЙ?”
ҲАТОХ, НАЗДИ МОРДЕХАЙ БИРАВ ВА ГӮЙ, КИ ҲАМАИ ЯҲУДИЁН ДАР ШУШАН СЕ РӮЗ БАРОИ МАН РӮЗА ГИРАНД ВА ДУО ГӮЯНД.
КАНИЗАКҲОЯМ ВА МАН НИЗ РӮЗА ГИРИФТА, ДУО МЕГӮЕМ.
ПАС АЗ СЕ РӮЗ МАН НАЗДИ ПОДШОҲ МЕРАВАМ.
ҲА, МАЛИКА.
ВА АГАР НОБУД ШАВАМ...

ЭСТЕР 4:15


«...БИГУЗОР НОБУД ШАВАМ».
Ў ЧӢ КОР КАРДА ИСТОДААСТ?
ҲАЗРАТАМ?
МАЛИКА?



ЭСТЕР 4:16


ҲА… ҲА… МАЛИКА ЭСТЕР, МАН ТУРО ҚАБУЛ МЕКУНАМ.
ПОДШОҲ МАЛИКА ЭСТЕРРО ҚАБУЛ МЕКУНАД!
ЭСТЕР, ТУ ЧИРО ИН ҚАДАР ХОҲОН ҲАСТӢ, КИ ҶОНИ ХУДРО БА ХАТАР ГУЗОШТА, ИН ҶО ОМАДАЙ?
ПОДШОҲАМ, МАН ДАРХОСТЕ ДОРАМ.
ҲАР ЧӢ ХОҲӢ, БА ҶО МЕОВАРАМ, АЗИЗАКАМ! ФАҚАТ ГӮЙ, ВА ОН ЧИЗ АЗ ТУ МЕШАВАД!
АЗ ОН ВАҚТЕ КИ БО ҲАМ БУДЕМ, ВАҚТИ ЗИЁДЕ ГУЗАШТААСТ.
МАН МЕХОҲАМ ШУМОРО БА ЗИЁФАТЕ КИ БАРОЯТОН ТАЙЁР КАРДААМ, ДАЪВАТ НАМОЯМ!
ТУ ГУФТАН МЕХОҲӢ, КИ ҶОНИ ХУДРО ТАНҲО БАРОИ ОН БА ХАТАР АНДОХТӢ, КИ МАРО БА ЗИЁФАТ ДАЪВАТ НАМОЙ?
МАН БО МАЙЛИ ТОМ БА ЗИЁФАТЕ КИ БАРОЯМ ТАЙЁР КАРДАЙ, МЕОЯМ.
ҲАМРОҲИ ҲОМОН.
ҲАМРОҲИ ҲОМОН.
ҲОМОН?!

ЭСТЕР 5:1-2


ЭСТЕР, МӮЙҲОИ ТУ ГӮЁ ШАРШАРА МЕБОШАНД, КИ АЗ САРАТ ПОИН МЕОЯНД.
ПОДШОҲАМ, ШУМО ХЕЛЕ МЕҲРУБОН ҲАСТЕД.
ШУМО КАБКИ БИРЁНРО ЧАШИДА ДИДЕД?
ОН ХЕЛЕ БОЛАЗЗАТ АСТ!
ЭСТЕР, ТУ БОЯД БА ОШПАЗАТ ГӮЙ, КИ БА ОШПАЗИ МАН ДАСТУРУЛАМАЛИ ПУХТАНИ ОНРО ДИҲАД!
ХЕЛЕ БОЛАЗЗАТ!
ЭСТЕР, ТУ ЧӢ МЕХОҲӢ?
ҲАТТО НИСФИ МАМЛАКАТ БОШАД ҲАМ, БА ТУ ДОДА ХОҲАД ШУД!
ҲАЗРАТАМ, МАН ТАНҲО ЯК ДАРХОСТ ДОРАМ.
АГАР ДАР НАЗАРИ ПОДШОҲ ИЛТИФОТ ЁФТА БОШАМ ВА АГАР ПОДШОҲ ХОҲАД …
…БИГУЗОР ПОДШОҲ ВА ҲОМОН БОЗ БА ЗИЁФАТЕ КИ МАН ТАЙЁР МЕКУНАМ, БИЁЯНД.
ПАГОҲ ДАРХОСТИ ХУДРО БА ПОДШОҲ ОШКОР МЕКУНАМ.
МО БО МАЙЛИ ТОМ ПАГОҲ БОЗМЕГАРДЕМ!
ДУ БОР БА ЗИЁФАТИ МАЛИКА ДАЪВАТ ШУДАН!
ИН МАРО ВОДОР МЕКУНАД, КИ МОРДЕХАЙРО ФАРОМӮШ КУНАМ!


ПОДШОҲ ҲАР КАСЕРО САРАФРОЗ КАРДАН ХОҲАД, БО Ӯ АНА ҲАМИН ТАВР АМАЛ МЕНАМОЯД!!!
ОН ҶО ЧӢ ШУДА ИСТОДААСТ?
МОРДЕХАЙ? ЧӢ ВОҚЕА РӮЙ ДОДААСТ?
АЗ АФТИ КОР, ШАБИ ГУЗАШТА ПОДШОҲ БЕХОБӢ КАШИДААСТ.
ОЁ БА АСП ШИНОНДА ШУДАНИ ТУ БОИСИ ХУБТАР ХОБИДАНИ Ӯ МЕШАВАД?
ПОДШОҲ ФАРМУДААСТ, КИ КИТОБИ ВОҚЕАҲОРО ОВАРДА, САБТҲОИ ОНРО БАРОИ Ӯ ХОНАНД.
ШОЯД ПОДШОҲ БА ХУЛОСАЕ ОМАДААСТ, КИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ПОДШОҲИРО ДИДА БАРОЯД
ШОЯД, Ӯ ФИКР КАРДААСТ, КИ КИТОБИ ВОҚЕАҲО БАРОИ ХОБИДАНИ Ӯ ЁРӢ МЕРАСОНАД.
«АЗ ОН РӮЗЕ КИ МАН БА СУИҚАСДИ ЗИДДИ ПОДШОҲ ХАЛАЛ РАСОНДАМ».
ИН МОРДЕХАЙ.
БА МОРДАХАЙ БАРОИ НАҶОТ ДОДАНИ ҶОНИ МАН ЧӢ САРАФРОЗӢ АТО ШУДААСТ?
ЧИЗЕ БА Ӯ АТО НАШУДААСТ, АҲАШВЕРУШИ БУЗУРГ, БИГУЗОР НОМИ ШУМО ТО АБАД БОЛОБАРДОР КАРДА ШАВАД.
ВА Ӯ БА ТУ ҲАМИН ТАВР ИЗЗАТ ВА САРАФРОЗӢ АТО НАМУД?
АЗ АФТАШ, ИН ОН ЧИЗЕСТ, КИ ҲОМОН БАРОИ ХУД МЕХОСТ, НА ТУ.
РОСТ МЕГӮӢ. ИН ГАРДИШИ ФАЛАК АСТ.


«МАН НАМЕДОНАМ, КИ ЧАРО ҲОМОН ИН ҚАДАР ДЕР КАРД».
«МАН ШУНИДАМ, КИ Ӯ БО ПОДШОҲ ДАР БОРАИ СОХТАНИ ЧИЗЕ ГАП ЗАДАНӢ БУД».
«ДАР БОРАИ ДОР Ё ЧИЗЕ БА ИН МОНАНД».
«АММО ПОДШОҲ ӮРО НАЗДИ ХУД ДАЪВАТ НАМУД».
«ВА АҲАШВЕРУШ АЗ ҲОМОН МАСЛИҲАТ ПУРСИД».
ҲОМОН, ЯК ШАХС ҲАСТ, КИ БАРОИ МАН ВА БАРОИ ИН КИШВАР ХИЗМАТИ БОСАЗОЕ КАРДААСТ!
БА ЧУНИН ШАХС ЧӢ ТАВР ИЗЗАТ ВА САРАФРОЗӢ АТО НАМОЯМ?
«МАН ТАСАВВУР КАРДА МЕТАВОНАМ, КИ ДАР САРИ ҲОМОН, КИ ТАНҲО ДАР ФИКРИ ХУД АСТ, ЧӢ АНДЕШАҲО ПАЙДО ШУДАНД».
ДАР АВВАЛ Ӯ БА ЗИЁФАТИ ПОДШОҲ ВА МАЛИКА ДАЪВАТ ШУД – ДУ БОР! ВА АКНУН ИН ЧИЗ!
БА ФИКРИ МАН, БО ИН ШАХС ЧУНИН БОЯД КАРД!
БА Ӯ ЛИБОСИ ШОҲОНАЕ ДОДА ШАВАД, КИ ПОДШОҲ ОНРО ДАР БАР МЕКУНАД!
ВА АСПЕ ДОДА ШАВАД, КИ ПОДШОҲ БАР ОН САВОР МЕШАВАД!
ВА ӮРО БА АСП САВОР КАРДА ДАР КӮЧАҲОИ ШАҲР ГАРДОНАНД!
ВА ПЕШОПЕШИ Ӯ НИДО КУНАНД: "БА ШАХСЕ КИ ПОДШОҲ МЕХОҲАД САРАФРОЗ НАМОЯД, ЧУНИН КАРДА МЕШАВАД!"»
ҲА! ҲАМИН ТАВР БИКУН!
БОВАРӢ ҲОСИЛ НАМО, КИ ФАВРАН ҲАМААШ ҲАМОН ТАВРЕ КИ ГУФТӢ, КАРДА ШАВАД!
ЛИБОСРО АЗ ҲУҶРАИ ЛИБОСҲОИ МАН ГИР!
ВА АСПИ МАРО АЗ САИСХОНА БИГИР!
ТУ, ҲОМОН, ШАХСАН БАРОИ ИН МАСЪУЛИЯТ ХОҲӢ ДОШТ …



ЭСТЕР 6:4-10




ЭСТЕР 5:1-4, 6:11



МАЛИКА ЭСТЕР!
ПОДШОҲ ОМАД! ҲОМОН НИЗ ҲАМРОҲИ ХОҶАСАРОЁНИ ПОДШОҲ ОМАД!
НАМУДИ ЗОҲИРИИ МАН ХУБ АСТ?
ХЕЛЕ ҶОЛИБ, ЧУН ҲАРВАҚТА, МАЛИКАИ МАН!
МАЛИКААМ, МАН БА ШУМО ГАП ДОШТАМ!
МАН ДАҚИҚАЕ ВАҚТИ ХОЛӢ НАДОРАМ, ҲАТОХ.
ПОДШОҲ АЛЛАКАЙ ДАР ИН ҶОСТ.
ЧӢ ВОҚЕА ШУДААСТ, ҲАТОХ?
ХАБАРИ ИЗТИРОБАНГЕЗ.
ҲОМОН ДОРЕ БА БАЛАНДИИ 23 МЕТР СОХТААСТ, ВА МЕХОҲАД ПАГОҲӢ ПЕШ АЗ ҲАМА МОРДЕХАЙРО БАР ОН ОВЕЗАД!
ЭҲТИМОЛ, АЗ ИН БЕХАБАР БУДАНИ МАЛИКА БЕҲТАР БОШАД.
БА ФИКРАМ, ВОДОРКУНАНДАҲОИ Ӯ БАРОИ НАҶОТ ДОДАНИ ХАЛҚИ ХУД КОФӢ МЕБОШАНД.
ИЛОВА ШУДАНИ ТАҲДИД БА ҶОНИ АМАКБАЧААШ МАЛИКАРО АЗ МУВОЗИНАТ БЕРУН КАРДА МЕТАВОНАД.




ЭСТЕР 7:1


МАН ДАР БОРАИ САРАФРОЗИЕ КИ МАРО САЗОВОРИ ОН ДОНИСТЕД, БА ЗАНАМ ГУФТАМ!
ҲА, МАН ДОНИСТАН МЕХОҲАМ, КИ ЧАРО ТУ ЧУНИН РОҲИ ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМ НАМУДАНИ МОРО ИНТИХОБ НАМУДАЙ.
ДАР ҲУЗУРИ ШУМО БУДАН БАРОИ МАН ШАРАФ АСТ, ПОДШОҲАМ.
ТУ ЧӢ ДАРХОСТ ДОРӢ, ЭСТЕР?
БИГӮЙ! ОН АЗ ТУ МЕШАВАД! ҲАТТО НИМИ МАМЛАКАТ!
ПОДШОҲИ БУЗУРГ АҲАШВЕРУШ, АГАР ДАР НАЗАРИ ШУМО ИЛТИФОТ ЁФТА БОШАМ, ТАНҲО ЯК ЧИЗРО МЕХОҲАМ.
ҲАЁТИ МАН.
ҲАЁТИ ТУ?
ҲА, ХОҲИШ МЕКУНАМ, КИ БА ҲАЁТИ МАН РАҲМ НАМОЕД!
ВА БА ҲАЁТИ ХАЛҚИ МАН
ТУ БО ИН СУХАНОН ЧӢ ГУФТАНӢ ҲАСТӢ?


МАН ВА ХАЛҚИ МАН ФУРӮХТА ШУДАЕМ, ПОДШОҲ АХАШВЕРУШ!
ҲАЁТИ МО ДАР ИВАЗИ НУҚРА ХАРИДА ШУДААСТ!
БАРОИ САРҲОИ МО НАРХ МУҚАРРАР ШУДААСТ ВА ҲУКМИ МАРГ ИМЗО ШУДААСТ.
МО ҲАМА БА МАРГ МАҲКУМ ШУДАЕМ!!!
КӢ ЗИДДИ МАЛИКАИ МАН ВА ХАЛҚИ Ӯ ЧУНИН НАҚШАЕ КАШИДААСТ?
КИСТ Ӯ? КУҶОСТ Ӯ?
БА МАН ГӮЙ, ВА ӮРО ЁФТА, БАРОИ ИН БА ҶАВОБГАРӢ МЕКАШАНД!!!
ДУШМАНИ ХАЛҚИ МАН ДАР САРИ ДАСТУРХОНИ МО НИШАСТААСТ!
ИН ШАХС!
**ҲОМОН!!!**
МАН ЯҲУДӢ ҲАСТАМ.
АМАКБАЧААМ – МОРДЕХАЙ АСТ.
ВА ҲОМОН, АЗ БОИСИ НАФРАТ БА АМАКБАЧААМ ВА БА ХАЛҚИ МАН, ШУМОРО ВОДОР КАРДААСТ ҚОНУНРО ДАР ХУСУСИ НОБУД КАРДАНИ ХАЛҚИ МАН ИМЗО КУНЕД!



ЭСТЕР 7:4-6


ҲОМОН!!!
БОВАРИНОКТАРИН ШАХСИ МАН!
ҲОМОН ҚАСДИ ҶОНИ МАЛИКАИ МАН ВА ХАЛҚИ ЎРО ДОШТ?!
РОҲ НАДИҲЕД, КИ РАВАД! МАН БОЯД БА ҲАВОИ СОФ БАРОЯМ! МАН БОЯД ФИКР КУНАМ!!!
КОР ТАМОМ.
РАҲМ КУНЕД!!!
АФВ ФАРМОЕД!!!МАН ЧӢ МЕДОНИСТАМ...
РЎЗАМ СИЁҲ ШУД! ШУМО МАРО НОБУД КАРДЕД!!!
ТУ, ҲОМОН, ХУДАТ ХУДАТРО НОБУД КАРДӢ!!!
ТУ ГУМОН КАРДӢ, КИ ЗИДДИ ХАЛҚИ ХУДОИ ЯГОНАИ ҲАҚИҚӢ БАРОМАДА МЕТАВОНӢ?
БАДКОРИ МАНФУР!


ОЁ ДАР ҲУЗУРИ МАН БА МАЛИКА ДАСТДАРОЗӢ МЕКУНӢ?
ДАР ҚАСРИ ХУДАМ!
ХОНУМ, ҲОМОН ДАР НАЗДИ ХОНААШ ДОРЕ БА БАЛАНДИИ 23 МЕТР СОХТААСТ!
ТО КИ ПАГОҲӢ ДАР ОН МОРДЕХАЙРО ОВЕЗАД!
МОРДЕХАЙРО!
НЕ!
БАЛКИ ҲОМОН БА ОН ДОР ОВЕХТА МЕШАВАД!
БАРЕД ӮРО!!!
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ЭЙ ПОДШОҲИ БУЗУРГ, КИ ЧЕҲРААШ ЧУН ОФТОБ МЕДУРАХШАД!
ОХИР, МАН ИН ҚАДАР СОЛҲО БА ШУМО ХИЗМАТ КАРДАМ!
ТУ ФАҚАТ БА ЯК КАС ХИЗМАТ МЕКАРДӢ, ҲОМОН, ВА ОН КАС МАН НЕСТАМ.


МОРДЕХАЙ, КИ ҲАЁТИ МАРО НАҶОТ ДОДААСТ.
ЭСТЕР, МАЛИКАИ АЗИЗАМ, ГӮЙ, БА ТУ ЧӢ ДИҲАМ? ГӮЙ, ВА ОН АЗ ТУ МЕШАВАД.
ҲАТТО НИСФИ МАМЛАКАТРО?
ҲА, НИМИ МАМЛАКАТАМРО МЕДИҲАМ.
ПОДШОҲАМ, ХОҲИШ МЕУНАМ! ДАРХОСТИ МАН ҲАМОН ПЕШТАРА АСТ.
ҲАЁТИ ХАЛҚИ МАН! ҚОНУНЕРО, КИ ҲОМОН ТАРТИБ ДОДА, БО АНГУШТАРИИ ШУМО МӮҲР ЗАДААСТ, БЕКОР КУНЕД!
ЭСТЕР, МАЛИКААМ, ТУ МЕДОНӢ, КИ ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ!
МАН ХОНАИ ҲОМОНРО БА ДАСТИ ТУ ДОДАМ, ВА ТУ ОҚИЛОНА ОНРО БА АМАКБАЧААТ ДОДӢ.
ВА МАН ҲОМОНРО БА ҶОИ АМАКБАЧААТ БА ДОР ОВЕХТАМ.
АММО МАН ҚОНУНЕРО, КИ ТАСДИҚ КАРДААМ, БЕКОР КАРДА НАМЕТАВОНАМ.
ЭҲТИМОЛ, ШУМО ҚОНУНРО БЕКОР КАРДА НАМЕТАВОНЕД. АММО ҚОНУНИ НАВ НАВИШТАН МУМКИН БУДАГИСТ?
ҚОНУНЕ КИ ЗИДДИ КОНУНИ ЯКУМ БОШАД? ҚОНУНЕ КИ БА ХАЛҚИ МАН ИМКОНИ ҲИМОЯТ НАМУДАНИ ХУДРО ДИҲАД.
АЛБАТТА...

ЭСТЕР 8:1-8


МОРДЕХАЙ, МАН БА ТУ ВАЗИФАЕРО, КИ ҲОМОН ДАР ДАРБОР ДОШТ, МЕДИҲАМ!
ДАР ХУСУСИ ХАЛҚИ ХУД ОН ЧИРО, КИ МЕПИСАНДӢ, НАВИС ВА ФАРМОНРО АЗ НОМИ ПОДШОҲ БО АНГУШТАРӢ МӮҲР ЗАН!
ЧУНОН КИ ТУ АЛЛАКАЙ МЕДОНӢ, ҚОНУНЕРО, КИ БО АНГУШТАРИИ МАН МӮҲР ЗАДА ШУДААСТ, БЕКОР КАРДАН МУМКИН НЕСТ.
ИЛОВА БА ИН, БА ЯҲУДИЁН ИҶОЗАТ ДЕҲ МОЛИКИЯТИ КАСОНЕРО, КИ БА ОНҲО ҲУҶУМ КАРДАНӢ МЕШАВАНД, ТОРОҶ НАМОЯНД.
ЧУНИН ДАСТУР ҲАР КАСЕРО, КИ БО КУШТАНИ МО САРВАТМАНД ШУДАНӢ АСТ, ВОДОР МЕКУНАД АЗ ҲУҶУМ БА МО ДАСТ КАШАД.
ЗЕРО ОНҲО БА ХАЛҚЕ ҲУҶУМ МЕКУНАНД, КИ ХУДИ ПОДШОҲ БА ОН ҲУСНИ ТАВАҶҶӮҲ ДОРАД!
БАРОДАРИ АЗИЗАМ, БА ФИКРАМ, ТУ МАҲЗ БАРОИ ҲАМИН МАВРИД ДАР ДАРБОРИ ПОДШОҲ СОҲИБИ ВАЗИФА ШУДАЙ!
МО БОЗ ЯК ДАСТУР ЭЪЛОН МЕНАМОЕМ – ФАҚАТ БАРОИ ХАЛҚИ ХУДАМОН.
РӮЗҲОИ БАЗМУ ХУРСАНДӢ МУҚАРРАР КАРДА ШАВАНД.
ҲАМЧУН ЁДОВАРИИ НАҶОТИ ИЛОҲӢ?
ҲА, ҲАДАССА! ҲА!
АЛБАТТА, СУХАНОНИ ТУ ҲАҚ БУДАНД, МОРДЕХАЙ.
МАН ҲЕҶ ГОҲ ТАНҲО НАБУДАМ.
ҲЕҶ ГОҲ.



ЭСТЕР 8:2-9:17

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."





# SUPERBIBLE.TV